Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-053 назди
МДТ "Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуали ибни Сино"

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи: "Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ**

Бемориҳои зуҳравӣ яке аз мушкилоти муҳимми тиббӣ муосир буда, рушди онҳо ба рафтори иҷтимоӣ, омилҳои демографӣ ва шароити иқтисодӣ сахт вобаста мебошад. Афзоиши муҳоҷират, норасоии маълумот дар бораи роҳҳои пешгирӣ, инчунин тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба паҳншавии ин бемориҳо мусоидат менамояд. Ин раванд ба ҳолати саломатии ҷомеа, бахусус гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ таъсири амиқ мерасонад.

Гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла муҳоҷирон, шахсони дар шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ душворбуда, истеъмолкунандагони маводи мухаддир ва шахсони бе ҷои зисти доимӣ, дар хатар ҳастанд. Ин гурӯҳҳо ба имконоти маҳдуди дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ рӯ ба рӯ буда, сатҳи огоҳии онҳо нисбат ба роҳҳои пешгирии сироят паст мебошад. Паёмади ин вазъият на танҳо коҳиши саломатии шахсӣ, балки таҳдид ба саломатии умумии аҳолӣ мебошад, ки метавонад афзоиши бемориҳои сироятиро дар ҷомеа таъмин намояд.

Бо дарназардошти ин таҳдидҳо, андешидани чораҳои муассир барои назорат ва пешгирии бемориҳои зуҳравӣ ниҳоят муҳим аст. Ин чораҳо бояд бар асоси таҳқиқоти илмӣ, стратегияҳои миллӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ таҳия шаванд. Маъракаҳои омӯзишӣ ва тавсеаи барномаҳои иттилоотӣ метавонанд сатҳи огоҳиро дар байни аҳолӣ баланд бардоранд. Дар баробари ин, такмил додани қоидаҳои беҳдоштӣ, густариши ташхиси саривақтӣ ва дастрасии беҳтари

гурӯҳҳои осебпазир ба хизматрасониҳои тиббӣ метавонад пешгирии паҳншавии бемориҳоро таъмин намояд.

Мукаммалсозии ин раванд талаб мекунад, ки муносибатҳои байни сохторҳои тиббӣ, ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳтар гарданд. Ҳамкории фарогир ва таъмини захираҳои лозим барои татбиқи барномаҳои ҷилавгирӣ ва назорати бемориҳои зуҳравӣ имкон медиҳад, ки таъсири онҳо ба саломатии аҳолӣ коҳиш ёбад. Бо таваҷҷуҳ ба афзоиши омилҳои хавф, мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва вазъи саломатии муҳоҷирон, иқдомҳои ҷиддӣ ва ҳамоҳангшуда барои пешгирӣ ва назорати бемориҳои зуҳравӣ зарур мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи "Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ" аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мебошад

**Мудири кафедраи**
**дерматовенерология ба номи**
**профессор Зоиров П.Т.**
**д.и.т., дотсент** **К.М. Муҳамадиева**

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ Муҳамадиева К.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ...
/НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ ...
«__» ________ 20__ с/г

**Маълумот барои тамос:**
*Муассисаи давлатии таълимӣ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино». 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. Сино 29-31. Тел.: (+992) 446-600-3977, 2353496, Факс: 2243687, E-mail: info@tajmedun.tj, Web-site: www.tajmedun.tj.*